# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №20
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11.06.2025, № 1

Барои сазовор донистани Каримов Рустам Илҳомович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика).

Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба ҳимоя 12-уми марти соли 2025 қабул карда шуд, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ Каримов Рустам Илҳомович, 29-уми июли соли 1992 дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ.

Соли 2010 ба факултети энергетикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ аз рӯйи ихтисоси «Манбаъҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия» дохил шуда онро соли 2014 бо дараҷаи касбии бакалаври «техника ва технологияи»-и Донишгоҳи мазкурро бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2015 тариқи озмун ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети иқтисод ва идора аз рӯйи ихтисоси "Идоракунии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ" дохил шуда онро соли 2017 аз руи дараҷаи касбии магистри «Иқтисодиёт» бо дипломи аъло хатм кардааст.

Соли 2017 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар бахши докторантура барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - иқтисодиёт дохил шудааст.

Мавзӯи рисолаи илмӣ бо номи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарӣ ва роҳнамоии д.и.и., профессор, академики Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ аз 29.12.2017, №5/5.2 тасдиқ шудааст.

Аз моҳи январи соли 2022 то инҷониб ба ҳайси ходими калони илмии Муассисаи давлатии "Тоҷик НИИГиМ" (Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии

гидротехника ва мелиоратсияи Тоҷикистон) - назди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст. Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Авезов Азизулло Ҳабибович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;
2. **Хоҷазода Диловар Хайруддин**.– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ҳамчун кори илми тадқиқотии мустақил ва ба анҷом расида донистa шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои доктори (PhD), ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Каримов Рустам Илҳомович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзалият пайдо кардани рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Довталаби дараҷаи илмӣ 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

[1-М]. Каримов Р.И. Государственно-частное партнерство как форма развития инфраструктуры сферы энергетики [Текст] / Б.Д. Тагоев, Р.И. Каримов // Вестник финансово-экономического института Таджикистана. - 2018. - №1 (13). – С. 17-23.

[2-М]. Каримов Р.И. Снижение потерь электроэнергии на основе государственно-частного партнерства [Текст] / Р.И. Каримов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018.-№6 (2). – С. 75-80.

[3-М]. Каримов Р.И. Ташаккули инфрасохтори энергетикии НБО Роғун кафили истиқлолияти энергетикӣ [Матн] / Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №1. – С.67–72.

[4-М]. Каримов Р.И. К вопросу об использовании солнечных энергоустановок в условиях Республики Таджикистан [Текст] / С. Ганиев, Ш.Д. Самади, М.Х. Содиков, Р.И. Каримов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. – 2019. – №3 (47). – С.32-40.

[5-М]. Каримов Р.И. Тамоюлҳои рушди бозори хизматҳои энергетикии Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамои рушд [Матн] / С.Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №11. – С.46-52.

[6-М]. Каримов Р.И. Таҳияи варианти алтернативии пешниҳоди хизматҳои соҳаи энергияи баркӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С.Ҷ. Комилов, Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. (1) – С.155-162.

[7-М]. Каримов Р.И. Фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ дар шароити муосир [Матн] / Р.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. (2) – С.131-137.

[8-М]. Каримов Р.И. Экономическая оценка выбора источника электрической энергии для электроснабжения потребителей в децентрализованных сетях [Текст] / Р.И. Каримов, Х.Б. Назиров, Р.С. Ишан-Ходжаев, З.С. Ганиев, М.Х. Сафаралиев // Электротехнические системы и комплексы. Магнитогорский государственный технический университет им. Г.И. Носова, г. Магнитогорск. №3 (64). 2024. – С.23-32.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Ғафоров Ф.М..** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ, бо чунин эрод пешниҳод шудааст:

Дар саҳифаи 19 автореферат бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи хориҷӣ аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар истифодаи методи либерализатсияи бозори энергетикӣ ва истифода аз таҷрибаи

низоми энергетикии Федератсияи Россия- истифодаи ҳамгироии объектҳои инфрасохтории барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид хоҳад буд. Хуб мебуд, агар муаллиф механизми татбиқи таҷрибаи хориҷиро бо назардошти хусусиятҳои минтақавии бозори энергетикии мамлакат асоснок менамуд;

2. Тавзеҳот ва баёни мақсади асосии таҳияи расмҳои 3 ва 4 дар автореферат нокифоя буда, алоқамандӣ ва вобастагии унсурҳои асосии истеҳсол, истеъмол ва нархи энергияи электрикӣ дар бозори энергетикии Тоҷикистон инъикоси илмии худро пайдо накардаанд.

**2. Ризозода Т.Р. -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор., муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо чунин эрод пешниҳод гардидааст:

Дар саҳифаи 17 автореферати диссертатсия расми шаклҳои асосии кору хизматҳо вобаста ба таъинот ва принсипҳои иштирок дар бозори энергетикӣ тасвир гардидааст. Мутаассифона тавзеҳоти он аз тарафи муаллиф дар ҳаҷми лозима баён нагардидааст;

2. Муаллиф дар қисмати таҳлилии рисолаи диссертатсионӣ ояндабинии рушди бозори энергетикии Тоҷикистонро дар солҳои 2024-2030 нишон додааст. Аммо муҳлати кӯтоҳи интихобшудаи муаллиф барои ояндабинии рушди бозор асоснокии иловагиро тақозо менамояд.

**3.** Бобозода К.О. - д.и.и., директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ бо чунин камбудиҳо пешниҳод шудааст:

1. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 10 автореферат исбот карда шудааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии офтобӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. барқро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд. Механизмҳои татбиқ ва роҳу усулҳои асосии ба даст овардани чунин натиҷаҳо дар автореферат дақиқ нишон дода нашудааст;

2. Дар автореферат методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ба таври озмоишӣ, дар суроғаи вилояти Суғд, водии Яғноб, н. Айнӣ, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб гузаронида шудааст. Асоснок намудааст, ки дар байни онҳо се намуди асосӣ вариантҳои муфид аст ва муаллиф, танҳо варианти дуюми озмоишро нишон дода маблағи сармоягузориро барои ташкили инфрасохтори энергетикӣ-нарӯгоҳи барқӣ – офтобӣ (НБОф) дар ҳаҷми 54700 сомонӣ муайян кардааст. Аммо, дар автореферат муҳтавои асосӣ, мақсади озмоиши илмӣ, инчунин тавзеҳоти вариантҳои якум ва сеюм оварда нашудааст.

**4. Расулов С** – н.и.и., **ходими пешбари илмии Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ** чунин эродҳо пешниҳод намудааст:

1. Дар боби якуми диссертатсия, муаллиф методологияҳои гуногунравишро ҷиҳати рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон методологияи инфиродии худро ҷиҳати гурӯҳбандии шаклҳо ва хусусиятҳои хоси объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳия намудааст. Баъдан дар зербобҳои минбаъда аҳаммият ва зарурати методологияи таҳия карда шуда инъикоси пурраи худро наёфтааст.

2. Навгонии шашуми муаллиф-самаранокии иктисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи барқии хурди офтобӣ ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативӣ дар асоси гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ мебошад. Аммо, истифодаи кадом ҳисобҳои иқтисодӣ-риёзӣ, муқоисаи кадом натиҷаҳои илмӣ ё нишондиҳандаву маҳакҳои иқтисодӣ мушаххасан нишон дода нашудааст.

3. Хуб мебуд, агар муаллиф хулосаву тавсияҳои амалии натиҷаи таҳқиқотро кӯтоҳ ва машаххас намуда, пешниҳод менамуд.

**5. Ғафорзода Ҷ.Ғ** – н.и.и., дотсент., декани факултети иқтисод ва идораи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

1. Муаллифи автореферат муайян намудааст, ки вобаста ба тавсифҳои ҷаҳонии инфрасохтори бозори энергетикӣ имкониятҳои моделсозӣ ва ояндабинии вазъи бозори онро чӣ дар марҳилаи истеҳсол ва чӣ дар марҳилаи пешниҳоди кору хизматҳо маҳдуд менамояд, ки имрӯзҳо соҳаи энергетикаи Тоҷикистон дар чунин вазъият қарор дорад. Мутаассифона ба назар мерасад, ки равандҳо ё омилҳои маҳдудкунандаи имкониятҳои моделсозӣ ва ояндабинии вазъи бозори энергетикӣ тавзеҳоти мушаххас нагардидааст;

2. Дар саҳифаи 19 сохтори истеъмолии энергияи электрикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-дар соҳаи саноат 3,818 млрд. кВт*с., сохтмон 0,03 млрд. кВт*с., кишоварзӣ 2,225 млрд. кВт*с., аҳолӣ 5,90 млрд. кВт*с., талафоти барқ бошад 3,90 млрд. кВт*с. оварда шудааст. Баъдан, дар сархатҳои дигари автореферат мушахассоти дигар масъалаҳо оварда шудааст.

3. Матни автоферефати диссертатсия хуб таҳия карда шудааст, аммо дар баъзе саҳифаҳо хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо характери тавсиявӣ доранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:**

- ҷанбаҳои назариявию методии рушди инфрасохтори бозорӣ, инчунин ошкор намудани хусусиятҳои бозори энергетикӣ таҳқиқ гардидааст;

- вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти ҷалби иштирокчиёни нави бозор ва такмили сиёсати нархӣ-тарофавии энергия таҳлил гардидааст;

- модели иқтисодӣ-риёзии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо назардошти хусусиятҳои тағйирёбии унсурҳо ва вазъи ояндаи бозори энергетикӣ таҳия гардидааст;

- самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар асоси рушди усули созишномаи корпоративии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайя гардидааст;

- ташкили объектҳои нави инфрасохтори бозори энергетикӣ ҷиҳати самаранок истифодабарии энергияи алтернативӣ пешниҳод гардидааст;

- ташаккули объектҳои инфрасохтори алтернативӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда, дар асоси истеҳсолоти энергияи «сабзу» камхарҷ ва аз нигоҳи экологӣ тоза пешниҳод гардидааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:** натиҷаҳои рисолаи диссертатсионии аҳаммияти назариявӣ дошта, тавсияҳои илмию методӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст оварда шудааст, дар раванди васеъгардонии паҳлӯҳои таҳқиқи назариявии таҳияи дурнамои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар шароити бозор, бо таваҷҷуҳ ба давра ба давра пайдо гардидани шаклҳои муосири объектҳои ёрирасон истифода мешаванд

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои тадқиқоти илмии ба дастовардаи унвонҷӯ чунин тасдиқ мегардад:** дар хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодоти амалӣ, ки дар асоси таҳқиқи масъалаҳои алоҳидаи мавзуъ ба даст оварда шудаанд, зоҳир гардида, барои таъмини рушди мунтазами инфрасохтори бозори энергетикӣ ва ба ҳамин васила ба татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат мусоидат хоҳад кард. Татбиқи амалии пешниҳодҳои асоснокардашуда ва озмоишҳои иқтисодӣ-риёзии гузаронидашуда барои ташкили объектҳои нави инфрасохтори камхарҷ, таъмини энергияи дастрас ва рақобат дар бозори ватанӣ, ҳамзамон, таъсис додани объектҳои алтернативии инфрасохтори бозори энергияи электрикӣ аз ҳисоби захираҳои барқароршаванда бо фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муфид хоҳад буд. Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастовардашуда, метавонанд барои таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат заминаҳои устувор гузоранд. Ҳамзамон, хулосаҳои алоҳидаи асоснокардашудаи диссертатсияро дар раванди таълимоту омодасозии мутахассисони касбӣ дар макотиби олии кишвар аз фанҳои таълимии «Бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ» ва «Ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои энергетикӣ» мавриди истифода қарор додан мумкин аст

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар истифодаи мақсадноки маълумотҳои расмии оморӣ, маълумотҳои боэътимоди мақомотҳои давлатӣ, инчунин иттилооти кушода оид ба мавзуи таҳқиқшаванда,

ҳуҷҷатгузории натиҷаҳои таҳқиқот, барасмиятдарории натиҷаҳои озмоиши илмӣ-таҳқиқотии муаллиф зоҳир мегардад. Ҳамаи ин шароит фароҳам оварданд, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароитҳои муосири бозор таҳқиқот карда шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар марҳилаҳои иҷрои нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва тафсилот, мақсад, вазифаҳо ва иҷрои онҳо, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди бозори энергетикӣ, гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқии офтобӣ ҳамчун варианти алтернативии рушди бозори энергияи электрикӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳия шудаанд. Дар баробари инҳо, иштироки мустақими муаллифро хулосаҳои дақиқу мушаххас оид ба мавзуи таҳқиқот ва таҳияи ақидаҳои асосноккардашудаи аҳаммияти назаривию амалидошта собит менамоядДар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 июни соли 2025 қарори сазовор донистани Каримов Рустам Илҳомович бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шӯро 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктарони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор 9 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Раиси
Шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

Санаи барасмиятдарории хулоса 11 июни соли 2025

ҶМ

ПРОТОКОЛИ

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-15 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 11.06.2025 с. ш. Душанбе

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022 тахти №17/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Касе, ки барои кушодани маҷлиси шӯро розӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои доктори фалсафа (PhD)-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ҳимояи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика)

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович.

**Муқарризони расмӣ:**

Авезов Азизулло Ҳабибович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ;

Хоҷазода Диловар Хайруддин – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар**: Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Раис: Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи доктори фалсафа (PhD) ба котиби илмии шӯро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло дода мешавад.

Котиби илмӣ: Маълумотномаи Каримов Рустам Илҳомовичро қироат мекунад.

Раис: Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Сухан ба доктори фалсафа (PhD) Каримов Рустам Илҳомович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад.

Каримов Р.И: Баромад мекунад.

Раис: Кӣ ба Каримов Р.И... савол дорад? Марҳамат, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Бобоев О., д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д., ва д.и.т., профессор Фохаков А.С.

Каримов Р.И.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раис: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя. Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии доктори фалсафа (PhD) Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон дода мешавад.

Роҳбари илмӣ: Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович. Баромад мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба котиби Шӯрои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ашурзода Ашур Нурулло барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шӯро ворид шудаанд, дода мешавад.

Котиби илмӣ: қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Оид ба тақризҳои қироатгардида ба котиби шӯро саволҳо ҳаст? Нест. Сухан ба доктори фалсафа (PhD) Каримов Р.И барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Каримов Р.И.. Баромад намуда, ба эродҳои муассисаи пешбар ва эродҳои ба тақризҳо воридшуда ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқаррризи расмӣ - Авезов Азизулло Ҳабибович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо таври маҷозӣ дода мешавад.

Авезов А.Ҳ: Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

Раис: Сухан ба докторанти фалсафа (PhD) Каримов Р.И барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмӣ дода мешавад.

Каримов Р.И: Баромад намуда, ба эродҳои муқаррризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Сухан ба муқаррризи расмӣ - Хоҷазода Диловар Хайриддин – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент., декани факултети иқтисодёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

Хоҷазода Д.Х..: Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раис: Ташаккур! Сухан ба докторанти фалсафа (PhD) Каримов Р.И барои ҷавоб додан ба эродҳои муқаррризи расмӣ дода мешавад.

Каримов Р.И: Баромад намуда, ба эродҳои муқаррризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раис: Ташаккур! Ба мубоҳиса мегузарем. Сухан ба аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, ки аз тарафи шӯро ҳамчун мутахассис оид ба ихтисоси

диссертатсияи баррасишаванда эътироф шудаанд, дода мешавад. Баромад намуданд: д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., дотсент Каримова М.Т., ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. баромад намуданд.

Раис: Агар боз хоҳишмандон бошад, марҳамат. Хоҳишмандон нест? Кифоя.

Сухан ба докторанти фалсафа (PhD) барои ҷавоб додан ба муқарризони ғайрирасмӣ дода мешавад. Марҳамат!

Каримов Р.И: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Раис: Ташаккур! Акнун мегузарем ба тартиби овоздиҳии пинҳонӣ. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем.

Чӣ хел пешниҳодҳо, аз рӯи шумора? 3 нафар. Марҳамат! Зид, бетараф нестанд! Марҳамат! Мушаххас киҳо? Пешниҳод шуд, ки ба комиссияи ҳисоб аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О.Б. ва доктори илмҳои иқтисодӣ., профессор Рауфӣ А. пешниҳод карда шаванд.

Дигар пешниҳодҳо нест? Нест. Кӣ тарафдори ҳайати комиссияи интихобӣ мебошад, марҳамат овоз диҳад. Тарафдор 9 Зид - нест. Бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур!

Марҳамат! Гурӯҳи комиссияи ҳисоб хоҳишмандам ба вазифаи худ шурӯъ намоянд. (Овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раис: Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А дода мешавад. Марҳамат!

Рауфӣ А: Ташаккур! Муҳтарам раис! Муҳтарам аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ! Иҷозат диҳед суратҷаласаи №1 ҷаласаи комиссияи ҳисоб аз 11 июни соли 2025, ки аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 интихоб шудааст, ба саҳми шумо расонам. Комиссияи овоздиҳӣ дар ҳайати 3 нафар: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоев О.Б. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ А таъсис дода шуда буд. Комиссияи интихобшуда барои ҳисоби овозҳои пинҳонӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт ба Каримов Рустам Илҳомович мебошад.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 11 нафар аъзоёни Шӯро, докторони илм аз рӯйи соҳаи дар диссертатсия баррасишаванда 5 нафар. Варақаҳои интихобии тақсимшуда 9 адад, варақаҳои интихобии тақсимнашуда 2 адад, варақаҳои бекоршуда нест.

Натиҷаи овоздиҳӣ оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт ба Каримов Рустам Илҳомович чунин аст. Тарафдор – 9 нафар, бетараф – нест, варақаҳои бекор – нест.

Раис: Ташаккур! Кӣ тарафдори он ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, марҳамат, овоз диҳед. Тарафдор – 9 нафар, зид - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд. Ташаккур.

Мутобиқи дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ба баррасии лоиҳаи хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ мегузарем, ки дар оғози ҷаласа ба ҳамаи аъзоёни шӯро тақсим шуда буд. Чӣ гуна таклифҳо мешаванд? Биёед, муҳокима мекунем. (Аъзоёни шӯро эродҳо ва иловаҳои худашонро баён мекунанд, муҳокима меравад). Кӣ тарафдори он аст, ки хулоса дар маҷмуъ қабул карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Хулосаи шӯро якдилона дар таҳрири зерин қабул мегардад.

Аъзоёни шӯро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раис: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи Шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед, қарори Шӯрои диссертатсиониро барои ҳимояи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович эълон кунам.

ҚАРОРИ

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 11 июни соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, тақризи муассисаи пешбар - **Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ **Авезов Азизулло Ҳабибович**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент., декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Хоҷазода Диловар Хайруддин**, ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., дотсент Каримова М.Т., ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин,

натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Каримов Рустам Илҳомович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Каримов Рустам Илҳомович бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қарори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед Каримов Р.И. доктори фалсафа (PhD)-ро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

11 июни соли 2025

Мухри муассиса

ҚАРОРИ

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

аз 11 июни соли 2025, № 1 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика), тақризи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон **Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович**, тақризи муассисаи пешбар - **Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишкадаи политехникии Хуҷанди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ **Авезов Азизулло Ҳабибович** , номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент., декани факултети иқтисодиёт ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон **Хоҷазода Диловар Хайруддин**, ва баромадҳои мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и, профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., дотсент Каримова М.Т., ва д.и.и., профессор Низамова Т.Д. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович.

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Каримов Рустам Илҳомович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки карори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Каримов Рустам Илҳомович бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт сарфароз гардонада шавад.

Кӣ тарафдори карори Шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид - нест, бетараф - нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ
д.и.и., профессор — Низамова Т.Д.

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ
н.и.и., дотсент — Ашурзода А.Н.

ҷ.м.